АСЛАНШОҲ РАҲМАТУЛЛОЕВ: МЕГӮЯНД, КИ ОДАМИ НАҒЗ БУД с. 10

ИМА АЗ МИЁНАРАВӢ ДАСТ МЕКАШАД? с. 4

ШАРИКИ СТРАТЕГИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ с. 7





# ТОҶИКИСТОН

№18 (1631), 30.04.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992


## ҲАҶ: $27 000 ҶАРИМА, 10 СОЛ ДЕПОРТ



**ДАР ИН ШУМОРА:**


**ФАРМОНИ ТРАМП**

Ва нигаронии муҳоҷирони тоҷик с.3

**ҶАЗО**

Барои гармӣ ва барқ с.5

**ҚАҲРАМОНОН**

17 нафар боқӣ монданд с.3

**УРУМЧӢ**

Ҷавони уйғур забони тоҷикиро чӣ тавр омӯхт? с.6

**ВАРЗИШ**

Ҳафт медали варзишгарони тоҷик с.15








**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


## ТАМДИДИ МУҲЛАТИ ҚОНУНИИ БУДУБОШИ МУҲОҶИРОН

**Президенти Русия Владимир Путин бо судури як амр муҳлати қонунӣ гардонидани будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро, ки қоидаҳои муҳоҷиратро дар қаламрави Русия вайрон кардаанд, то 10-уми сентябри соли 2025 дароз кард.**

Ин амр дар портали расмии санадҳои ҳуқуқии Русия нашр шудааст.

Тибқи он, шахсоне, ки то ин муҳлат мақоми худро қонунӣ намесозанд, бояд Русияро тарк намоянд. Ба ин гурӯҳ нафароне дохил мешаванд, ки дар рӯйхати шахсони таҳти назорат қарор доранд.

Дар рӯйхате, ки аз 5-уми феврал мавриди амал аст, онҳое ҳастанд, ки асоси қонунии ҳузур дар Русияро аз даст додаанд.

Қаблан муҳлати ниҳоӣ барои қонунӣ кардани будубош 30-юми апрел муқаррар шуда буд.

## ВОРИДОТИ БЕШ АЗ 6 ҲАЗОР МОШИНИ БАРҚӢ БА ТОҶИКИСТОН

**Танҳо дар се моҳи аввали соли 2025 ба Тоҷикистон 6047 мошини барқӣ ворид карда шудааст.**

Тибқи иттилои Вазорати нақлиёт, шумораи умумии воситаҳои нақлиёти барқӣ, аз ҷумла электромобил, электробус, микроавтобус ва нақлиёти борбардори барқӣ дар кишвар ба 27 ҳазору 580 адад расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9885 адад бештар аст.

Тоҷикистон нақша дорад, ки то солҳои наздик ҳиссаи мошинҳои барқиро ба 20-30 дарсад аз шумораи умумии нақлиёт расонад.

Воридоти ин навъи нақлиёт дар асоси “Барномаи давлатии рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028” амалӣ мешавад.

Ёдовар мешавем, ки аз соли 2022 воридоти мошинҳои барқӣ аз пардохти боҷ ва андозҳои гумрукӣ озод шудаанд.



Тсю Донгюй:

## FAO ҲАМЕША ОМОДАИ ҲАМКОРӢ БО ТОҶИКИСТОН АСТ

**29-уми апрел Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (FAO) Тсю Донгюйро ба ҳузур пазируфт. Пас аз мулоқот Донгюй Тоҷикистонро кишвари зебо бо мардуми меҳмоннавоз арзёбӣ карда, гуфт, ки сафараш бо ҳадафи таъкиди ҳамкории дуҷониба анҷом шудааст.**

Вай мулоқот бо Эмомалӣ Раҳмонро судманду фарогир хонд ва афзуд, ки роҳбари Тоҷикистон на танҳо шахсияти барҷастаи миллӣ, балки мавриди эҳтироми байналмилалӣ низ мебошад. Донгюй омодагии FAO-ро барои дастгирии рушди кишоварзии Тоҷикистон таъкид кард.

Дар мулоқот масоили зироаткорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, муҳити зист, моҳипарварӣ ва соҳаҳои дигар баррасӣ шуданд. Донгюй инчунин Душанберо яке аз беҳтарин пойтахтҳои Осиёи Марказӣ унвон кард.

## ТОҶИКИСТОНУ АРМАНИСТОН КОРХОНАИ МУШТАРАК МЕСОЗАНД

**Тоҷикистон ва Арманистон ният доранд, ки корхонаҳои муштараки саноатӣ бунёд кунанд.**

Ин нукта дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ бо иштироки вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва вазири иқтисоди Арманистон Геворг Папоян ироа гардид.

Ҷонибҳо ҳамзамон имкони бунёди корхонаҳои “сабз”, аз ҷумла нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва рушди энергетикаи офтобиро бо ҷалби сармоягузории мустақим баррасӣ карданд.

Гуфта мешавад, ки гарчанде гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2024 ду баробар афзоиш ёфта бошад ҳам, ҳаҷми он ҷавобгӯи иқтидорҳои мавҷудаи ҳар ду кишвар нест.

Ҳамзамон, таъкид гардидааст, ки баргузор намудани форумҳои муштараки соҳибкорӣ, иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва мубодилаи таҷрибаи ҳайатҳои соҳибкорӣ имкони нави густариши гардиши савдои дуҷонибаро фароҳам меорад.

## САРИ САБЗ



**Исфандиёр ҒУЛОМОВ,**
**ҳунарманди театру синамо**

**- Хусусан, аз муаллимонамон бисёр сабақҳо гирифтаем, донишу маҳорати онҳо як тараф, мо аз онҳо мактаби одамгариро омӯхтем. Онҳо медонистанд вазъиятамон он қадар хуб нест, аз зоҳирамон пай мебурданд, охистаҳак аз кисаҳоямон пул меандохтанд.**

*- Ҳммм, ана гап дар куҷо будааст. Боз мо фикр карда гаштем, ки барои чӣ имрӯзҳо ҷавононамон аз мактаби одамгарии устодонашон сухан ба миён намеоранд? Гап дар киса будааст-дия.*



**Саидмурод ДАВЛАТОВ,**
**соҳибкор, устоди бизнес**

**- Он чӣ дар майнаи сари одам ҳаст, ҳосил ҳамон мебарояд. Ба дасти дилхоҳ одами камбағал 10 ҳазор доллар ҳам диҳед, фикр мекунед, ки 100 ҳазор доллар мекунад? 99 фоизаш ин корро карда наметавонад. Бинобар ин, инсон бояд аввал зеҳнро дигар кунад.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, шумо 10 ҳазор долларо ёфта диҳед, зеҳнҳо, ҳатто аз ҳамон 99-фоиза ҳам худ ба худ, яку якбора дигар мешаванд. Зеро, имконияти аввалия низ барои пеш рафтан муҳим аст.*



**Муҳаммади МУРОДХОН,**
**сарояндаи ҷавони тоҷик**

**- Сабаби асосии зиёдтар бозхонӣ карданам набудани шароит барои омода кардани шеъри нав ва оҳанги нав аст. Нархи суруду танзими мусиқӣ хеле гарон аст. Оянда, ки шароит хубтар шуд, ҳатман аз эҷодиёти худам бахри мардум суруд пешкаш мекунам.**

*- Бале, бояд ана ҳамин хел амал намоед. Наход ними иқтидори ҳамонҳоеро, ки шеъри худашонро худашон оҳанг баставу худашон месароянд, надошта бошед!?*

**Арабистони Саудӣ дар мавсими ҳаҷи имсола тартиботи нав ҷорӣ кард. Акнун ҳеҷ кас ҳақи ба шаҳри Макка ворид шудан надорад, агар раводиди ҳаҷ надошта бошад. Тартиботи нав аз рӯзи 29-уми апрел ба иҷро даромад.**

# ҲАҶ: $27 000 ҶАРИМА, 10 СОЛ ДЕПОРТ



### ҲУШДОРИ КУМИТА

Қаблан зоирони тоҷик бо ширкатҳои сайёҳии кишварҳои дигар, моҳе пеш аз оғози маросими ҳаҷ ба Арабистони Саудӣ рафта, он ҷо меистоданд ва бо роҳи ғайриқонунӣ ҳаҷ мекарданд.

Бар асоси тағйироти наве, ки Вазорати корҳои дохилии Арабистони Саудӣ онро нашр кард, аз 29-уми апрели соли 2025 барои ворид шудан ба шаҳри Макка ва адои ҳаҷ фақат онҳое, ки раводиди махсуси ҳаҷро доранд, иҷозат хоҳанд дошт.

Аз Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим мегӯянд, ки дар асоси ин тағйирот минбаъд шаҳрвандони Тоҷикистон, ки тариқи ширкатҳои кишварҳои дигар ба сафари ҳаҷ мераванд, имкони ба шаҳри Макка даромадан надоранд.

Шаҳрвандони Тоҷикистон асосан тариқи Ӯзбекистон ва Русия як моҳ пеш ба Арабистони Саудӣ мерафтанд ва ғайриқонунӣ дар ин кишвар монда, манисики ҳаҷи фарзиро иҷро мекарданд.

"Дигар бо раводиди сайёҳӣ, умра ё тиҷоратӣ аслан ворид Макка шудан ғайриимкон шуд. Акнун набояд шаҳрвандони кишвари мо бо ширкатҳои кишварҳои дигар ба ҳаҷ раванд, зеро ҳаҷро адо карда наметавонанд ва бо вуҷуди ин ҷазои сангин ҳам мегиранд",- ҳушдор медиҳанд аз Кумита.

Аз Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим мегӯянд, ки дар гузашта ҳолатҳое ҳам будаанд, ки шаҳрвандони мо бо ширкатҳои сайёҳии кишварҳои хамсоя ба ҳаҷ мерафтанд, вале баъди анҷоми мавсими ҳаҷ муроҷиат мекарданд, ки мавриди фиреби ширкатҳои хориҷӣ қарор гирифтаанд.

Ахиран, теъдоде аз зоирини тоҷик тариқи як ширкати ӯзбекистонӣ ба Ҳаҷи Умра рафта, фиреб хӯрданд ва қариб як моҳ дар Арабистон банд монданд.

### АЗ ҶАРИМА ТО ДЕПОРТ

Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими Тоҷикистон бо такя ба иттилои расмии Вазорати корҳои дохилии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо нашри як изҳорот гуфт, аз ҷумла шахсоне, ки ғайриқонунӣ кӯшиши ворид шудан ба шаҳри Макка ва мавзеъҳои Мино, Арафот, Муздалифаро мекунанд, то 20 ҳазор риёл, муодили 5 ҳазору 400 доллар ҷарима мешаванд.

Инчунин, шахсоне, ки ғайриқонунӣ дар Макка боқӣ мемонанд ва сокиноне, ки қонуншикании зикршударо содир менамоянд, аз кишвар ихроҷ шуда, то 10 сол аз ҳақи вуруд ба Арабистони Саудӣ маҳрум мешаванд.

Ҳамчунин, барои нафароне, ки тартиботро вайрон карда, тавассути дархости раводиди зиёрат, интиқол, паноҳ додан ё кумак расонидан ба нафарони нақзкунандаи тартиби ҳаҷ сахм мегиранд, то 100 ҳазор риёл, баробар ба 27 ҳазор доллар ҷарима пешбинӣ шудааст.

Инчунин, воситаҳои нақлиётие, ки барои интиқоли ғайриқонунии шахсони нақзкунанда истифода мегарданд, бо ҳукми додгоҳ мусодира карда мешаванд.

Ба шахсоне, ки дорандагони тамоми намуди раводиди зиёратӣ (ба истиснои раводиди махсуси ҳаҷ)-ро дар меҳмонхонаҳо, квартираҳо, хонаҳои хусусӣ, марказҳои иқомати ҳоҷиён ва ғайра ҷой медиҳанд ё кӯшиши пинҳон кардан менамоянд ё ҳар гуна кумаке мерасонанд, ки боиси боқӣ мондани онҳо дар Макка ва мавзеъҳои муқаддас мегардад, 100 000 риёл, баробар ба 27000 доллар ҷарима таҳдид мекунад.

Кумитаи дин ба шаҳрвандони кишвар тавсия додааст, ки танҳо тариқи расмӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида барои адои маросими ҳаҷ иқдом кунанд ва аз кӯшиши вуруд ба Макка ва мавзеъҳои муқаддас бе доштани раводиди махсуси ҳаҷ қатъӣ худдорӣ намоянд.

### КВОТА 7 ҲАЗОР

Мавриди зикр аст, ки тартиби нави Шоҳигарии Арабистони Саудӣ танҳо ба ҳаҷи фарзӣ рабт дорад. Сафари умра мисли пешин озод аст.

Бояд гуфт, ки замони сафари ҳаҷ - 2025 нимаи дуюми моҳи май муқаррар шуда, он то нимаҳои моҳи июн давом мекунад. Арзиши хидматрасониҳои сафар ба ҳаҷ дар соли 2025-ум 56 ҳазору 800 сомонӣ муқаррар шуда, он ғайринақдӣ тавассути "Ориёнбонк" пардохт карда мешавад. Имсол ҳам Арабистони Саудӣ барои мавсими Ҳаҷ ба шаҳрвандони Тоҷикистон 7 ҳазор квота ҷудо кардааст.

**Д. ҚОДИРПУР**

# ФАРМОНИ ТРАМП ВА НИГАРОНИИ МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК



**Доналд Трамп, Президенти Амрико рӯзи 28-уми апрел бо имзои як фармони иҷрой талаб кард, ки ҳамаи ронандагони мошинҳои борбар (truck drivers) дар ин кишвар бояд пеш аз шурӯи кор имтиҳони дониши забони англисӣ супоранд. Ба гуфтаи ӯ, ин иқдом бо ҳадафи "таъмини амнияти оилаҳои амрикоӣ дар роҳҳо" анҷом дода мешавад.**

Бар асоси ин фармон, Вазорати нақлиёти Амрико вазифадор шудааст, ки роҳнамои пешинаро, ки талаботи донистани забони англисиро суст мекард, бекор кунад.

"Президент Трамп бар он аст, ки донистани забони англисӣ барои ронандагони касбӣ шарт аст ва набояд нодида гирифта шавад. Онҳо бояд битавонанд аломатҳои роҳро хонанд, бо кормандони полис, гумрук, назорати вазни бор ва мақомоти дигар бо осонӣ гуфтугӯ кунанд",- омадааст дар шарҳи расмии фармон.

Таъсири фармон ба муҳоҷирони тоҷик чист?

Теъдоди зиёди муҳоҷирони тоҷик дар Иёлоти Муттаҳида ронандаи мошини борбар ҳастанд, аммо бахше аз онҳо ба таври кофӣ забони англисиро намедонанд. Бо татбиқи фармони нав, эҳтимол бисёре аз онҳо бо душвориӣ ва маҳдудият дар идомаи кор рӯ ба рӯ шаванд.

Аксар муҳоҷирони тоҷик дар мактабҳои ронандагии аёлати Пенсилвания ва Флорида, ки русзабонҳо таъсис додаанд, муддати кӯтоҳе таҳсил карда, ҳуҷҷати ронандагии мошинҳои боркашон ё CDL-ро ба даст меоранд. Омӯзгорони аксар чунин мактабҳо рус, ӯзбек ва гоҳе тоҷик ҳастанд, ки имкон медиҳад муҳоҷирон бо ин забонҳо муошират карда, дар ниҳоят ҳуҷҷати ронандагӣ бигиранд.

# 17 НАФАР БОҚӢ МОНДАНД

**Дар Тоҷикистон ҳоло 17 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиндагӣ мекунанд, ки аз ҳама кӯҳансолтарини онҳо ба синни муборакӣ 112-солагӣ расидааст.**

Дар ин бора аз Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ҷумҳурӣ хабар медиҳанд. "Тоҷикистон" ба пешвози Рӯзи Ғалаба номи 17 нафар қаҳрамони ҷангро бо маълумот дар бораи рӯз, моҳ ва соли таваллуд, ҳамчунин суроғаи зисташон пешкаши шумо менамояд:

**Шаҳри Душанбе**

*Бозор Нағзибеков* - 15.11.1926, сокини ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем

*Мухтор Заргаров* - 29.04.1924, сокини ноҳияи Сино, ҷ/д Чоряккорон

**Вилояти Суғд**

*Нозим Носиров* - 05.10.1924, ноҳияи Деваштич, ҷ/д Далёни Боло

*Бибола Рӯзиматов* - 07.11.1925, ноҳияи Деваштич, ҷ/д Ғазантарак

**Вилояти Хатлон**

*Зайнулло Алиев* - 06.07.1926, шаҳри Бохтар, кӯчаи Каминтер-2

*Сафаралӣ Файзиев* - 09.05.1923, шаҳри Бохтар, кӯчаи Ваҳдат

*Розиқ Қосимов* - 22.01.1926, ноҳияи Вахш, ҷ/д Тоҷикобод

*Машраб Давлатов* - 20.06.1926, ноҳияи Чалолиддин Балхӣ, ҷ/д Калинин

*Гулмурод Тағоев* - 01.05.1924, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҷ/д Ифтихор

*Мирзо Ғафуров* - 20.05.1926, ноҳияи Хуросон, шаҳраки Обикиик

*Ҳабиб Сафаров* - 25.01.1926, ноҳияи Ҷайҳун, ҷ/д Қумсангир

*Яҳё Мирзоев* - 23.08.1925, ноҳияи Ховалинг, деҳаи Мукимов

**Навоҳии тобеи марказ**

*Рашид Каримов* - 01.07.1912, шаҳри Ҳисор, ҷ/д Алмосӣ

*Шоҳамбарӣ Раҷаб Исмонов* - 05.10.1926, шаҳри Ҳисор, деҳаи Ҳаёти нав

*Абдулазиз Қодиров* - 15.06.1922, ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Шаҳринав

*Раҷаб Қурбонов* - 17.03.1926, ноҳияи Варзоб, ҷ/д Луҷоб

*Дӯстӣ Умедов* - 17.03.1925, ноҳияи Сангвор, ҷ/д Чилдара

Ёдовар мешавем, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон беш аз 300 ҳазор нафар ширкат кардаанд, ки 92 ҳазор нафарашон аз ҷанг барнагаштанд.

## Маблағи “Озодӣ”-ро пардохт кунед!

**Як додгоҳи федералӣ ба Оҷонсии расонаҳои байналмилалии Амрико (USAGM) дастур дод, ки буҷаи моҳи апрели Радиои Аврупои Озод/Радиои Озодиро дар ихтиёри ин расона бигузорад.**




Стивен Капус, президенти Радиои Озодӣ ҳукми додгоҳро посух ба “диктаторҳо ва худкомаҳо” гуфтааст ва изҳори умедворӣ кардааст, ки буҷаи моҳи апрели радио ба зудӣ пардохта мешавад, зеро расона ҳамин ҳоло маҷбур шудааст шуморе аз кормандони худро ба рухсатӣ бо пардохти бахше аз маош бифиристад. Ёдовар мешавем, ки USAGM рӯзи 14-уми март дар пайи дастури Доналд Трамп маблағгузории Радиои Озодиро қатъ кард.

AP

## Ҳиндустон ба Покистон ҳамла мекунад?



**Вазири амнияти Покистон Атоуллоҳ Тарор 30-юми апрел гуфт, ки бар асоси иттилооти ҷосусӣ Ҳиндустон эҳтимолан аз 24 то 36 соати оянда ба Покистон ҳамлаи низомӣ анҷом диҳад.**

Ӯ гуфт, ки “ҳар гуна таҷовуз аз ҷониби Ҳинд бо вокуниши қотеъ ва шадиди Покистон рӯ ба рӯ хоҳад шуд” ва ҳушдор дод, ки “масъулияти ҳар гуна низоъ ё паёмадҳои фоҷеабори минтақа ба таври комил бар уҳдаи Ҳиндустон хоҳад буд”.

Дар ҳамлаи террористие, ки ба наздикӣ дар минтақаи Паҳалгам рӯй дод, 26 нафар сайёҳ кушта шуд. Ҳиндустон гурӯҳҳои ниманизомии муҳими Покистонро масъули ҳамла донista, иддаои мақомоти ин кишвар дар робита ба даст надоштанашонро рад кардааст.

BBC

## ҚИРҒИЗИСТОН МАРЗ БО ТОҶИКИСТОНРО СИМХОР МЕКАШАД

**Қирғизистон марзи худ бо Тоҷикистонро симхорпеч мекунад. Дар ин бора хабаргузории “24.kg” бо такя ба хадамоти матбуоти намояндаи ваколатдори президенти ин кишвар дар вилояти Ботканд хабар додааст.**



Гуфта мешавад, ки корҳо дар ин самт аллакай оғоз шуда, ин кишвар азм дорад то охири соли 2025-ум 420 километри сарҳади худро бо симхор маҳкам кунад.

Ба навиштаи манбаъ, корҳо оид ба насби симхорҳо дар сарҳади давлатии Қирғизистону Тоҷикистон дар минтақаи Қошмоло аз ҷамоати деҳоти Торт-Гули Ботканд оғоз шудааст.

“Маросими оғози корҳо дар нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳо - сутуни (стелаи) рамзӣ дар нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ Қамчибек Тошиев, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба таври онлайн иштирок кард”,- навиштааст хабаргузорӣ.

Манбаъ гуфтааст, ки “бо мақсади таъмин намудани раванди корҳо дар минтақаи наздимарзӣ, як бошишгоҳи саҳроӣ бунёд карда шуда, техникаи махсус оварда шудааст. Барои зиндагӣ ва хидмати сарбозон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст”.

Мавриди ёдоварист, ки ба Тоҷикистону Қирғизистон баъди такрибан чор соли нофаҳмиҳо муяссар шуд, то дар масъалаи сарҳад тавофуқ ҳосил намоянд.



## ФОҶЕАИ БАНДАР АББОС

**Кумитаи баррасии сабабҳои ҳодисаи сӯхтор дар бандари “Шаҳид Раҷоӣ” дар шаҳри Бандар Аббоси вилояти Ҳурмузгони Эрон натиҷаҳои аввалияи тафтишоти худро эълон карда, гуфтааст, ки сабаби ҳодиса риоя накардани қоидаҳо ва тадбирҳои бехатарӣ мебошад.**

Хабаргузории “Ирна” аз қавли Вазорати корҳои дохилии Эрон навиштааст, ки сӯхтор шоми 28-уми апрел пурра хомӯш карда шудааст. Аммо Муҳаммад Ошӯрӣ Тозиёнӣ, раиси вилояти Ҳурмузгон гуфтааст, ки амалиёти наҷот ва кумаки осебдидагон идома дорад ва эҳтимол поксозии минтақа чанд рӯз давом ёбад.

Ба гуфтаи ӯ, то ҳол теъдоди ҷонбохтагон дар натиҷаи ин таркиш ба 70 нафар расид, 22 нафар бедараканд ва ҷасади 22 каси дигар шиносоӣ нашудааст. Вай гуфтааст, ки табибон талош доранд ҳувияти ин ҷасадҳоро маълум кунанд.

Ёдовар мешавем, ки таркиш дар шаҳри Бандар Аббос дар соҳили Халиҷи Форс дар ҷануби Эрон нифирӯзии 26-уми апрел рух дод ва дар пайи он, тибқи маълумоти расмӣ, то ҳол 70 кас фавтида, беш аз 1200 кас маҷрӯҳ шудаанд. Хисороти молии ин ҳодиса то ҳол эълон нашудааст.

Дар пайи инфиҷор рӯзи 28-уми апрел дар саросари Эрон мотами миллӣ эълон шуда, рӯзи 27-уми апрел дар тамом вилояти Ҳурмузгони ин кишвар давоми се рӯз азои умум эълом шуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон дар робита ба ин инфиҷори шадид ба раисҷумҳури Эрон Масъуд Пизишкиён баркияи изҳори тасаллӣ ирсол намуд.

30-юми апрел дар Сафорати Эрон дар Душанбе дар робита ба ин фоҷеа дафтари ёдбуд боз гардид. Аз соати 10-и субҳ то 16-и бегоҳ афроди зиёде, аз ҷумла мақомдорони баландпояи кишвар ба Сафорати Эрон рафтанд ва ба мардуми ин кишвар арзи таслият намуданд.

## ИМА АЗ МИЁНАРАВӢ ДАСТ МЕКАШАД, АГАР...

**Марко Рубио, котиби давлатии Амрико рӯзи 29-уми апрел ҳушдор дод, ки агар Русия ва Украина барои хатми ҷанг дар Украина "пешниҳодҳои мушаххас" ироа накунанд, Иёлоти Муттаҳида аз миёнаравӣ даст мекашад.**



Тэмми Брюс, сухангӯйи Департаменти давлатӣ ё Вазорати корҳои хориҷии Амрико аз қавли Рубио гуфт, "вақти он расидааст, ки ду ҷониб пешниҳодҳои муайяне барои поён додани ин муноқиша ироа кунанд. Агар пешрафте набошад, Амрико ба миёнаравӣ дар ин раванд хотима медиҳад".

Дипломати амрикоӣ Ҷон Келли рӯзи 29-уми апрел дар Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид Русияро ба идомаи хунрезӣ дар Украина гунаҳкор карда, бо таассуф гуфт, ки ҳамлаҳои густардаи ин кишвар сабаби "талафоти зиёди сокинони бегуноҳ" шудааст.

"Ҳоло Русия фурсати хубе барои расидан ба сулҳи пойдорро дорад",- изҳор дошт Келли ва афзуд, ки "раҳбарони ҳарду кишвар бояд тасмим бигиранд, ки оё расидан ба сулҳ имконпазир ҳаст ё на. Агар ҳарду ҷониб ҷангро бас кунанд, Иёлоти Муттаҳида пурра онҳоро дар роҳи расидан ба сулҳи пойдор пуштибонӣ мекунад".

Доналд Трамп, президенти Амрико рӯзи 29-уми апрел дар посух ба суоли хабарнигори телевизиони "ABC" гуфт, фикр мекунад, раисҷумҳури Русия Владимир Путин мехоҳад ба ҷанг дар Украина поён бахшад.

Владимир Путин рӯзи 28-уми апрел дар пайванд ба иди пирӯзӣ дар Ҷанги Дувуми Ҷаҳон оташбаси серӯза эълон кард. Аммо раисҷумҳури Украина Владимир Зеленский гуфт, чаро барои эълони оташбас маҳз чашну идҳоро интизор бояд шуд. Вай пешниҳод кард, ки оташбаси 30-рӯза эълон шавад.



# ҶАЗО
## БАРОИ БАРҚУ ГАРМӢ



**Дар пайи татбиқи ҷазо барои “дуздӣ”-и барқ дар Кодекси ҷиноятӣ, ҳамчунин, ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳам тағйирот ворид гардид, ки дар асоси он барои истифодаи нодурусти барқу гармӣ низ ҷарима ҷорӣ шудааст.**

Қаблан, лоиҳаи қонун дар бораи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро вакилони палати поёнии парлумон ба тасвиб расонида буданд.

Тибқи тағйироте, ки ба моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид шудааст, барои истифодаи барқу гармӣ бе истифода аз таҷҳизоти баркӣ (счетчик) ва ё кандан ва шикастани пломбаҳои он ҷаримаи сангин пешбинӣ мешавад.

**Дар матни Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар сомонаи Маркази миллии қонунгузорӣ ҷой дода шудааст, ин тағйирот дида мешавад. Дар асоси моддаи 382-и Кодекси мазкур барои чунин амалҳо ҷарима татбиқ мешавад:**

*- истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби баркӣ;*

*- худсарона пайваст шудан (насб шудан) ба шабакаҳо ва дастгоҳҳои таъминоти барқ;*

*- истифодаи қувваи барқ ва гармӣ бе асбобҳои зарурии назоратӣ ва баҳисобгирӣ ё бе шартнома бо ташкилотҳои таъминоти қувваи барқ ва гармӣ;*

*- кандан ва шикастани пломбаҳои муқарраршудаи асбобҳои андозагирӣ;*

*- аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби баркӣ;*

*- тағйир додани нишондод бо мақсади насупоридани маблағи қувваи барқ.*

### БАРОИ ЧУНИН КИРДОРҲО

*- шаҳрвандони оддӣ аз 1 ҳазору 500 то 2 ҳазору 250 сомонӣ (аз 20 то 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо);*

*- мансабдорон аз 2 ҳазору 250 то 3 ҳазору 750 сомонӣ (аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо);*

*- роҳбарони коргоҳу корхона ва ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ) аз 15 ҳазор то 22 ҳазору 500 сомонӣ (аз 200 то 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) ҷарима мешаванд.*

**Қаблан барои ин кирдорҳо шаҳрвандони оддӣ аз 225 то 375 сомонӣ, мансабдорон аз 1125 то 1,5 ҳазор сомонӣ ва соҳибону корхонаву коргоҳҳо аз 7,5 ҳазор то 15 ҳазор сомонӣ ҷарима мешуданд.**

Ёдовар мешавем, ки 11-уми апрел вакилони парлумони кишвар тағйирот ба Кодекси ҷиноятиро қабул карданд, ки тибқи он касоне, ки қоидаҳои истифодаи неруи баркро вайрон ва аз пардохти пули он саркашӣ мекунанд, аз 27 ҳазор то 90 ҳазор сомонӣ ҷарима ва ё аз 3 то 10 сол зиндонӣ мешаванд.

# ЧОҲ ДАР РОҲ
## Ё вақте гаҳвора бе алла меҷунбад



**(Ба ҷои фелетон)**

**Шумо боре ба Кӯҳистони Масчоҳ сафар кардаед ва ё ба дурдасттарин деҳоти ноҳияҳои Ховалингу Тавилдара рафтаед? Не? Дуруст, зеро роҳи он ҷо дуру мушкилгузар ва роҳкиро ҳам қимат аст. Аммо ман меҳоҳам ҳамагӣ ба ивази 2 сомонию 60 дирам шуморо ба он ҷо барам ва барои ин ҳатто аз шаҳр баромадан ҳам шарт нест. Бовар намекунед?**



Пас ба “маршрутка”-ҳои хатсайри 14 ва ё 16 шинеду то истгоҳи охирини онҳо, яъне то кӯчаи Моёншо Назаршоев равед, ки тарабхонаи “Зебуннисо” ва боз чандин ташкилоту корхонаҳои бообрӯй қарор доранд. Ана баъд аҷоиботи ин сафарро дар хотираҳоятон хоҳед навишт.

Вақте ки ин “маршруткаҳо” аз роҳи калон, яъне кӯчаи Зебуннисо ҷудо шуданд, пас “лаззати гаҳворачунбонӣ”-ро хоҳед чашид. Фарқи ин “гаҳворачунбонӣ” аз гаҳвораи кӯдакиатон дар он аст, ки инчо ҳама марду зан дар як “гаҳвораанд”-у баъзан рӯйҳам меафтанд, аммо аллагӯй надоранд. Роҳи тақрибан 1-километраи то охири хатсайр мебурда чунон нообод валангор аст, ки дар он фили маҳмудӣ ҳам шояд қадам зада натавонад.

Сабаби чунин ҳол доштани роҳи мазкур аз як тараф обҳои бесоҳиб бошад, сабаби дигараш роҳбарони корхонаю ташкилотҳоест, ки дар ин кӯча ҳастанд ва барои обдиҳи он як дирамро дареғ медоранд. Вагарна, чанд корхонаву ташкилот сари як миз нишаста, барои ҳамвору қиррез кардани ин роҳ кӯшиш кунанд, олам гулистон мешавад.

Масъулин ба ин пешниҳод чӣ назар доранд?

**А. АҲМАДЗОДА,**
**журналист**

### РЕЗААХБОР

Дар пойтахти кишвар даври ҷумхуриявии озмуни анъанавии «Сайри гули лола» ҷамъбаст гардид. Дар натиҷа, беҳтарин гулпарвар, гулгашт, боғ ва ноҳия муайян карда шуданд. Тибқи иттилои дафтари матбуоти раиси шаҳри Душанбе, дар номинатсияи «Гулпарвари беҳтарин» ҷойи аввал насиби Робия Сафарова, сокини ноҳияи Сино гардид.

***

Дар шаҳри Душанбе барои истифодаи ғайриқонунии барқ 4 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст. Тибқи иттилои шаҳрдорӣ зарари расонида ба давлат беш аз 200 ҳазор сомонӣ арзёбӣ мешавад.

Дар пайи афзоиши ҷиноятҳои марбут ба истифодаи ғайриқонунии барқ, ахиран дар Тоҷикистон ҷазоҳо барои чунин амалҳо пурзӯр гардида, то 10 соли зиндон пешбинӣ шудааст.

***

Дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Маркази миллии патенту иттилоот дар доираи Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ Форуми байналмилалии «Занҳои ихтироъкор - 2025» баргузор гардид. Дар форум мутахассисону ихтироъкорон, олимон, соҳибкорон ва истеҳсолкунандагони ватанӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

***

Дар пойтахти Тоҷикистон консерти гурӯҳи ҳамовозии академии халқии рус - «Достони Урал» баргузор гардид.

***

Нахустин Анҷумани иқтисодии байналмилалии Осиёи Марказӣ 22-юми июл дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад шуд. Анҷуман дар баробари мубодилаи таҷриба ва баҳсҳои корӣ оид ба рушди иқтисодӣ, инчунин ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ таваҷҷуҳ хоҳад дошт. Ҳадафи аслии ин ҳамоиш таҳкими робитаҳои иқтисодӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аст.

***

Дар шаҳри Душанбе мусобиқаи дав бахшида ба 80-умин солгарди Ғалаба дар ҶБВ баргузор гардид. Дар он садҳо нафар аз гурӯҳҳои синну соли гуногун иштирок карданд. Мусобиқа дар ду масофа баргузор шуд: 7 км барои калонсолон (намуди инфиродӣ) ва 500 метр барои кӯдакон.

# ТАҚХ «Эмин Сармоя»

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2024

ҶДММ ТАҚХ “ЭМИН САРМОЯ” шахси ҳуқуқӣ буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва фаъолияти худро дар асоси Оинномаи Ташкилот ба анҷом медиҳад.

Ҷамъият дар асоси Суратмаҷлиси №1-и маҷлиси умумии муассисон аз 17.05.2022 с. таъсис дода шудааст ва ҳамчун ТАҚХ “Эмин Сармоя" аз бақайдгирӣ дар Кумитаи Андози назди Ҳукумати ҶТ аз 10 июни соли 2022 таҳти №0267906 ва мутобиқи Кодекси Граждании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҶДММ” ба қайд гирифта шудааст.

Дар айни замон Ҷамъият дар асоси чунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии тасдиққунанда фаъолияти худро мебарад:

- Шаҳодатномаи бақайдгири давлатӣ №0267906 аз 10.06.2022 с.;
- Шаҳодатнома дар бораи додани РМА №020055785 аз 10.06.2022 с.;
- Иҷозатномаи БМТ №0000307 аз 21.12.2022 с.;

Сармояи оинномавии Ҷамъият ба санаи 31.12.2024 с. 31 500 000,00 сомониро ташкил медиҳад.

- Мақоми олӣ - Муассиси ягонаи Ҷамъият
- Мақоми Идоракунӣ - Шӯрои Нозирони Ҷамъият : Раиси шуро ва чор нафар аъзоёни он иборат мебошад.

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ»-ро (минбаъд Ҷамъият), ки аз ҳисоботи молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2024, ҳисобот оиди маҷмуи даромад, ҳисобот оиди тағйирот дар сармояи оинномавии Ҷамъият ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст, гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад, инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявӣ, ба истиснои ахбороти дар “Асос барои изҳори ақидаи аудитори” омода шуда, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ҶДММ ТАҚХ “ЭМИН САРМОЯ”-ро ба санаи 31-уми декабри соли 2024, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад, дар мутобиқат ба Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмилалӣ дуруст инъикос менамояд.

Асос барои изҳори ақидаи аудиторӣ

Мо тафтишоти аудиториро мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии аудит гузаронидем. Ӯҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми “Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ” гузошта шудааст. Мо нисбати Ҷамъият мувофиқи “Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касбӣ”-и Шӯро оиди стандартҳои байналмилалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботҳои этикаи корӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявӣ моён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқ дорад мустақил ҳастем ва дигар ухдадориҳоро мувофиқи ин талаботҳо иҷро намудем.

Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст оварда шуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя ва муносиб мебошад.

Дар санаи 21 декабри соли 2022 аз ҷониби Бонки милли Тоҷикистон ба Ҷамъият Иҷозатнома дода шудааст, барои анҷом додани чунин амалиётҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ:

Аз Ҷумла:

- ҷалби амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ:
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин):
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ:
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён:
- додани кафолат:
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ:
- амалиёти хазинавӣ (кассавӣ):
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ:
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо:

Мақсади асосии таъсисдиҳии Ҷамъият ба даст овардани фоида бо он намуд фаъолиятҳое, ки иҷозат дорад ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

ҶДММ ТАҚХ “ЭМИН САРМОЯ” дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров 21 ҷойгир шудааст.

ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2024

Ба санаи 31-уми декабри соли 2024

| | Эзоҳ | 01 январи 2024 | 31 декабри соли 2024 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Хазина | 4.1. | 572 962 | 5 217 953 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан аз дигар бонҳо | 4.2. | 6 750 105 | 7 441 094 |
| Сандуки қарзии соф | 4.3. | 7 778 754 | 13 707 725 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3 | 5 312 985 | 4 539 301 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3 | 2 782 955 | 2 484 363 |
| Дорои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 4.4: | 1 884 537 | 1 530 193 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.5. | 999 813 | 184 929 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **26 082 111** | **35 105 559** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Амонатҳо | 4.7 | 222 310 | 3 934 113 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.8 | 858 471 | 637 578 |
| Уҳдадориҳои дарозмуддат | 4.9 | 1 884 537 | 1 530 193 |
| Ҳамаги ухдадориҳо | | **2 965 317** | **6 101 884** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи партохташуда | 4.10 | 25 500 000 | 31 500 000 |
| Захираи умумӣ | 4.11 | (23 515) | (2 383 207) |
| Дигар захираҳои ташкилот | 4.12 | - | - |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.13 | (2 359 691) | (113 118) |
| **Ҷамъи сармоя** | | **23 116 794** | **29 003 675** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **26 082 111** | **35 105 559** |

Роҳбарияти Ҷамъият бовари доранд, ки ӯҳдадориҳои шартии назаррас надоранд, ки он дарояндаи наздик таъсири калон ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаи фаъолияти Ҷамъият дошта бошад.

Баъди санаи ҳисоботи молиявӣ то санаи пешниҳоди ҳисобот ҳодисаҳои назаррасе, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд ба вуқӯъ наомадаст.

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявӣ ба истиснои ахбороти дар "Асос барои изҳори ақидаи аудитори" омода шуда, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ҶДММ ТАҚХ "ЭМИН САРМОЯ"-ро ба санаи 31-уми декабри соли 2024, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллали дуруст инъикос менамояд.

Генеральный Директор — Алиев Аминҷон Абдуҷаборович

Сармуҳосиб — Шарипов Забиҳулло Асадуллоевич

# ЧИН: ҶАВОНИ УЙҒУР ЧӢ ТАВР ЗАБОНИ ТОҶИКИРО ОМӮХТ?



**Қариб як моҳ мешавад, ки дар шаҳри Урумчии Ҷумҳурии мардумии Чин қарор дорам ва ба ин давлат барои саёҳат омадаам. Вақте ба ин ҷо омадам, дар паёмак бисёре аз дӯстон ба ман шӯхиомез менавиштанд, ки дар ин кишвар чӣ мехӯрда бошам!? Вале дар Урумчӣ натанҳо ошхонаи хуб пайдо кардам, балки ошхонадоре, ки бо забони тоҷикӣ суҳбат мекард...**

Зимни сафар аз хӯрокҳои Урумчӣ ба обуначиёнам навор кардам. Ногуфта намонад, дар шаҳри Урумчӣ асосан уйғурҳо зиндагӣ мекунанд ва зиёда аз 40 фисади калимаҳо ва инчунин урфу одаташон ба тоҷикон монанд аст ва фикр мекунам, ки сарчашма аз Чоч ва Самарқанд доранд.

Хуллас, яке аз наворҳоямро аз ошхонаи уйғурии “Хонсарой”, ки наздиктар ба меҳмонхонаамон буд, омода кардам. Дар ин ҷо пешхизматҳо бо ман бо забони ӯзбекӣ суҳбат карда, дархостамро гирифтанд ва ман ҳам хӯроки нисфирӯзиро хӯрдаму ҳам барои обуначиёнам навор гирифтам.

Як рӯз баъд аз наворро гузоштан дар назди меҳмонхона будам, ки ду-се мард аз Тоҷикистон наздам омадаанду баъди салому ҳолпурсӣ пурсиданд: “Абдуқаҳҳорро ту будӣ навор гирифтӣ? Мо гуфтем, ӯ хурсанд шуд...”.

Ростӣ, ҳайрон шудам. Баъдан пурсидам, ки Абдуқаҳҳор кист?

“Ҳамон ошхонае, ки наворашро гузоштӣ. Он ҷавон тоҷикиро хуб медонад”,- гуфтанд дар ҷавоб.

Ҳамин ҷавобашон буд, ки маро дубора ба сӯйи он ошхона бурд. Хӯроки шом бо дугонаам Мавзуна роҳ пеш гирифтем ба ҳамон ошхонае, ки зиёд мехостам бираваму бо он ҷавон суҳбат кунам.

Инак, мо ҳам расидем ва вақти дар миз нишастан пешхизмат аввал чойро овард. Ногуфта намонад, ки дар Урумчӣ ба кадом тарабхона ё ошхонае надароед, ҳатман аввал наздатон чой меоранд, баъд рӯйхати хӯрокҳоро.

Вақте аз мо хӯрокро дархост гирифтанд, худи ҷавон наздам омаду бо шодиву хурсандӣ пурсид: “Шумо апаи Зайнаб ҳастед?”.

Гуфтам, бале!

Гуфт, ба ман навоaратонро нишон доданд ва суҳбати мо низ оғоз шуд.

Абдуқаҳҳор зодаи шаҳри Урумчӣ, яъне уйғур аст. Тӯли 15 сол мешавад дар ошхонаи “Хонсарой” кор мекунаду ба гуфтааш зиёде аз тоҷикон ҳаминҷо меоянд, аз ин рӯ, сабаби шавқи омӯхтани забони тоҷикӣ низ маҳз дӯстони тоҷикистониаш будаанд. Ва ҳоло бо мардуми тоҷик хуб суҳбат мекунад. Абдуқаҳҳор соли 2009 бо даъвати дӯстон ба Тоҷикистон сафар намуда, як муддат дар онҷо кор низ кардааст. Ва инчунин аз таассуроташ нақл карду мо низ бо завқ гӯш кардем ва ҳам навор низ гирифтем.

Абдуқаҳҳор мегӯяд, ки забони ҳам ширин ва ҳам осон забони тоҷикист. Ва аз мардуми Тоҷикистону меҳмоннавозияшон бо эҳсоси баланд ҳарф заду оянда ният дорад ба ин сарзамини зебову дӯстдоштанӣ биёяд...

**Зайнаб ҲУСЕЙНОВА,**
**шаҳри Урумчии Ҷумҳурии мардумии Чин**

# ҚАДАМҲОИ УСТУВОР

## Эрону Тоҷикистон - иқтисод дар рақамҳо



*Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода бо муовини аввали ноиби президенти Эрон оид ба масоили байналмилалӣ Алӣ Наҷафӣ Хушрӯзӣ*

**Дар се моҳи аввали соли равон ҳаҷми мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон ба 111 миллион доллар расид. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 42,9% афзоиш ёфтааст. Ин рақам далолат ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ миёни ду кишвар мекунад.**

### ПЕШРАФТ ДАР СОҲАҲОИ ГУНОГУН

Тавсеа ва афзоиши ҳаҷми тиҷорат миёни Тоҷикистон ва Эрон дар асоси "Барномаи ҳамкории дарозмуддати иқтисодӣ ва тиҷоратӣ миёни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Эрон барои солҳои 2022-2030" сурат мегирад. Барнома, ки бо мақсади таъмини рушди устувор ва эҷоди имкониятҳои нав барои ҳамкориҳои байниҳукуматӣ таҳия шудааст, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла транзит, сайёҳӣ, намоишгоҳҳои муштарак ва ҷалби сармоя нақши муҳимро мебозад.

Ҳамкориҳо дар бахши транзит, ки Тоҷикистон дар он як нуқтаи муҳим дар минтақаи Осиёи Миёна ва Эрон ҳамчун марз бо бозорҳои ҷаҳонӣ хизмат мекунад, якҷо бо дигар бахшҳо, ба рушди густурдаи иқтисодии ду кишвар мусоидат менамояд.

### АЗ РАВОБИТИ ТИҶОРАТӢ ТО РУШДИ МУНОСИБОТ

Дар мулоқоти вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода бо муовини аввали ноиби президенти Эрон оид ба масоили байналмилалӣ Алӣ Наҷафӣ Хушрӯзӣ, ки 15-evb апрел дар Душанбе сурат гирифт, таъкид гардид, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни ду кишвар дар солҳои оянда тақвият хоҳанд ёфт. Ҳамчунин, ҷонибҳо доир ба таъмини шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, баргузории намоишгоҳҳои муштарак ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишварҳо гуфтушунид карданд.

### ШАРИКОНИ СТРАТЕГӢ ДАР МИНТАҚА

Эрон ва Тоҷикистон дар солҳои охир муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии худро вусъат бахшиданд. Ҳоло дар як қатор лоиҳаҳои стратегӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд. Ҳамкорӣ дар бахшҳои энергетика, нақлиёт ва саноат нишон медиҳад, ки ду кишвар дар расидан ба пешрафти муштарак қарор доранд.

Вохӯрии ҳайати эронӣ бо мақомоти Тоҷикистон, ки то 17-уми апрели соли равон дар Душанбе идома ёфт, баҳсҳо ва ҳамкориҳои амиқ дар доираи сиёсати хориҷии ду кишварро боз ҳам такмил бахшид. Мулоқотҳо, ки дар сатҳи баланди дипломатӣ сурат гирифтанд, ба гуфтаи мутахассисон, барои тақвияти сиёсати иқтисодӣ ва афзоиши сармоягузорӣ дар ду кишвар хеле муҳим хоҳанд буд.

Маврид ба таъкид аст, ки гардиши савдои хориҷӣ байни Тоҷикистону Эрон соли 2024 ба 378 миллион доллар расида буд. Аммо намояндагони блоки иқтисодии ду кишвар таъкид мекунанд, ки чунин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо иқтидорҳои мавҷуда ночиз мебошанд. Бинобар ин, барои афзоиши савдо ва ҷалби бештари сармоягузорӣ тадбир меандешанд.

### НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОЯНДА

Бо таваҷҷуҳ ба афзоиши ҳаҷми мубодила ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, метавон гуфт, ки Тоҷикистон ва Эрон дар оянда метавонанд ба як модели муваффақи ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар Осиёи Миёна табдил шаванд. Аммо ба назари таҳлилгарон, барои расидан ба ҳадафҳои амиқ ва ҷорӣ кардани лоиҳаҳои нав, ду кишвар бояд мувозинати дуруст дар идоракунии захираҳо ва истифодаи имкониятҳои мавҷудаи худро таъмин намоянд.

Ҳамкориҳо дар бахши энергетика, хусусан дар самти истеҳсоли барқ ва интиқол ба ҳама гуна муносиботи иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар ҳамин замина, Тоҷикистон ва Эрон метавонанд якҷо дар тарҳҳои нав дар бахши энергияи сабз ва иқтисоди рақамӣ кор кунанд, ки ин ба истифодаи саривақтӣ ва самаранокии захираҳо мусоидат хоҳад кард.

Афзоиши мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон дар се моҳи аввали соли 2025 низ аз тавсеаи муносибатҳо дарак медиҳад.

**Усмон Раҳимзода**



Михаил Мишустин:

# ТОҶИКИСТОН ШАРИКИ СТРАТЕГИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**25-уми апрели соли равон дар шаҳри Маскав вохӯрии расмӣ миёни Қоҳир Расулзода, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Михаил Мишустин, Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия баргузор гардид. Дар рафти мулоқот ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаро дар бахшҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Тибқи иттилои расмӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, маориф ва фарҳанг аз мавзуҳои асосии гуфтугӯ буданд. Қоҳир Расулзода изҳор дошт, ки Русия ҳамоно яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ба гуфтаи ӯ, гардиши савдо миёни ду кишвар дар як соли охир ба 2 миллиард доллар наздик шудааст ва танҳо дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40 дарсад афзоиш ёфтааст.

Михаил Мишустин дар навбати худ Тоҷикистонро "муҳимтарин шарики стратегии Русия дар Осиёи Марказӣ" арзёбӣ кард. Ӯ таъкид намуд, ки мубодилаи молу коло дар моҳҳои январ-феврали соли 2025 боз 9 дарсад афзоиш ёфта, ба маблағи қариб 300 миллион сомонӣ (23 миллиард рубл) расидааст. Ба гуфтаи ӯ, дар маҷмуъ беш аз 80 вилояти Русия бо Тоҷикистон робитаҳои тиҷоратӣ доранд.

Ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими бештари ҳамкориҳои иқтисодӣ ва густариши робитаҳо дар дигар бахшҳои афзалиятнок иброз доштанд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# НАҚШИ ЗАН ДАР ТАНЗИМИ БУҶАИ ОИЛА

**Нақши зан дар оила баробари тарбияи фарзанд, дар истифодаи мақсадноки маблағҳо низ муҳим аст. Вақте ки зан пулро идора мекунад, бо ин барои беҳтар намудани шароити оила ва таъмини ояндаи фарзандон кӯшиш мекунад. Аммо чанд тавсия ҳаст, ки барои занҳо ҷиҳати истифодаи мақсадноки пул дар оила кумак мерасонанд.**

### МАҚСАДНОК САРФ КАРДАНИ ПУЛ

Дар оила пул на танҳо барои таъмини эҳтиёҷоти асосӣ, балки барои рушди оила ва тарбияи фарзандон истифода мешавад. Ҳар як хароҷот бояд бо хирад ва стратегияи дуруст анҷом дода шавад, то пул барои манфиатҳои оила ва фарзандон сарф гардад. Беҳуда сарф кардани пул метавонад мушкилот ва қарзҳои иловагӣ эҷод кунад.

### МУНОСИБАТ БА ПУЛ

Занҳо дар муқоиса бо мардҳо бештар эҳтиёткорона ва мақсаднок пулро сарф мекунанд. Вақте ки пул ба дасти зан мерасад, кӯшиш мекунад онро барои манфиати оила, таълим ва тарбияи фарзандон истифода барад. Ин самаранокии молиявиро ба вуҷуд меорад ва ба оила кумак мекунад, ки шароити зиндагӣ беҳтар шавад.

### МУШКИЛИ МОЛИЯВИИ ЗАНОН

Дар баъзе ҳолатҳо, занҳо на ҳамеша мустақилона пул кор мекунанд, ки ин метавонад ба мушкилот дар идоракунии пул дар оила оварда расонад. Агар зан дар масъалаи молиявӣ мустақил набошад, ё ҷойи кору даромад надошта бошад, ин метавонад боиси сахтӣ дар мустақилияти молиявӣ шавад. Баъзан, мушкилот дар идоракунии пул ба сабаби набудани омӯзиш ва таҷриба дар ин соҳа ба амал меояд.

### РОҲҲОИ РАҲОӢ АЗ МУШКИЛОТ

Раҳоӣ аз мушкилоти молиявии занон ва оилаҳо марбут ба омӯзиш, таҳлил ва амалисозии стратегияҳои дуруст аст. Омӯзиш дар бораи идоракунии пул ва эҷоди нақшаҳои молиявӣ барои таъмини истиқлоли молиявии занон, беҳтар кардани шароити оила муҳим аст. Бинобар ин, ҳар як хароҷот бояд бо мақсадҳои оилавӣ мувофиқ бошад. Яъне, пул аввал ба хароҷоти аввалиндараҷа сарф шавад. Бо маслиҳати аъзои оила нақшаи молиявӣ сохтану пайи амалии он шудан қадаме ба зиндагии шоиста аст.

Вақте ки дар оила пул ба дасти зан мерасад, истифодаи бохирад муҳим аст. На танҳо эҳтиёҷоти оила таъмин шавад, балки оянда фарзандон бояд таъминоти хуби молиявӣ пайдо кунанд. Ҳамчунин, эътимоди мардон ба онҳо бештар мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки "тоҷ бар сар мекунад, зан мекунад, хок бар сар мекунад, зан мекунад".

Умуман, истифодаи мақсадноки пул ва баланд бардоштани саводи молиявии занон ба беҳтар шудани зиндагии тамоми аъзои оила кумак мекунад.



Тағой Абдуллозода:

# БА ДАСТОВАРДҲОИ ЗИЁДИ МЕҲНАТӢ НОИЛ МЕГАРДЕМ

**Мардуми сарбаланди ноҳияи Шаҳритус заҳматкашу меҳнатдӯст ва дар пайравӣ ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат барои беҳбудиву ободии ноҳия саҳми худро мегузоранд. Тавре раиси ноҳия Тағой Абдуллозода мегӯяд, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳритус дар семоҳаи аввали соли 2025 фаъолияти худро бахри иҷрои фармону қарорҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси вилояти Хатлон равона намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.**

## ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Нақшаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 102,6 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 21,5 млн сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 550 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ 35,8 млн сомонӣ ё 96,7 фоиз иҷро гардидааст.

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1-уми апрели соли 2025-ум 6,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 180866 сомонӣ кам мебошад.

## СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ

Тибқи маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2025 дар ноҳия 5619 соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин инҳо 407 адад шахси ҳуқуқӣ, 2702 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ, 394 соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома, 476 адад соҳибкори инфиродӣ бо патент фаъолияткунанда ва 1640 адад бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра фаъолияти 12 субъекти фаъолияткунанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 зиёд шудааст.

Ба ҳолати имрӯза дар ноҳия 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,2 миллион доллари ИМА амалӣ шуда истодааст. Маблағи умумии азхудкардашуда 3,2 млн доллари ИМА ё 100 фоизи маблағи умумии лоиҳаҳоро ташкил медиҳад.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳритус барои солҳои 2021-2025-ум 94 лоиҳаро ба маблағи 151,5 млн сомонӣ дар бар гирифта, то ба имрӯз 70 лоиҳа ба маблағи 121,1 млн сомонӣ (79,9 фоиз) ба иҷро расидааст.

## РУШДИ КИШОВАРЗӢ

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 66,5 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4,6 млн сомонӣ зиёд иҷро гардидааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 4,2 ҳазор гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ анҷом дода шудааст. Аз кишти анҷомдодашуда ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо 1511 гектар, зироатҳои техникӣ 1403 гектар, аз он пахта 1398 гектар, картошка 202 гектар, сабзавот 727 гектар, полизӣ 244 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 192 гектарро дар бар мегирад.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 47906 сар, аз ҷумла модагов 25367 сар, гӯсфанду буз 121899 сар, паранда 149816 сар, асп ба 1129 сар ва оилаи занбӯри асал ба 1740 оила расонида шудааст.

Истеҳсоли сабзавот 844 тонна, гӯшт 783 тонна, шир 3156 тонна, тухм 1 млн 387,6 ҳазор дона ва моҳӣ 66 тоннаро ташкил додааст.

## САНОАТ ВА ЭНЕРГЕТИКА

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 97,8 млн сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра аҳолии ноҳия дар ҳаҷми 28,0 млн кВт/соат ба маблағи 6,7 млн сомонӣ қувваи барқ истифода намудаанд. Ҷамъоварии маблағи неруи барқи истифодашуда 78,25 фоиз, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ 89,4 фоизро ташкил медиҳад.

## СОХТМОНУ НАҚЛИЁТ

Дар ин давра сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ 4,4 млн сомониро ташкил додааст. Ҳамзамон ба маблағи 2,3 млн сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода шудааст.

Масофаи умумии роҳҳои автомобилгарди ноҳия 133,4 километрро ташкил дода, аз он 38,7 километрро роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳад.

Барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо аз буҷети маҳаллӣ 129704,0 сомонӣ ҷудо гардида, 25 километр таъмири ҷорӣ карда шудааст. Соҳибкорони ватанӣ бошанд, дар се моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 58 ҳазор сомонӣ корҳоро ба анҷом расонидаанд.

## МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар ноҳия 57 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 2 литсей, 1 мактаб-интернат мавҷуд аст, ки дар онҳо 34 ҳазору 901 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 1896 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Инчунин дар ноҳия 1 муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникӣ» ва 8 муассисаи томактабӣ мавҷуд мебошад.

Тавассути Маркази миллии тестӣ дар семоҳаи соли 2025 аз 1421 нафар ба ҳолати 26-уми марти соли 2025-ум 716 нафар хатмкунандагон барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, коллеҷҳо ва литсейҳои касбии техникӣ ҳуҷҷат супоридаанд.

Барномаи компютерикунонӣ 100 фоиз иҷро гардида, шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 1195 адад расидааст.

## ФАРҲАНГУ ТАНДУРУСТӢ

Дар ноҳия 29 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 3 хонаи фарҳангӣ, 6 клуб, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 13 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, 1 осорхона, 1 қасри фарҳанг, 1 мактаби санъати бачагона ва 1 ансамбли тарона ва рақсии "Чашма" ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар соҳаи тандурустии ноҳия 59 духтур, аз ин шумора 57 нафар бо категорияи олӣ ва 197 нафар кормандони миёнаи тиб фаъолият доранд.

Беморхонаи марказӣ аз 10 шуъбаи бистарикунонӣ, 5 шуъбаи ёрирасон ва 6 ҳуҷраи ташхисию ёрирасон иборат мебошад.

## ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲӢ

Шумораи ҷавонон дар ноҳия 47710 нафарро ташкил намуда, аз он 25510 нафар духтарон мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳия 189 майдончаи варзишӣ, 19 толори варзишӣ ва 1 варзишгоҳ фаъолият доранд. Варзишгарони ноҳия дар 2 мусобиқаи вилоятӣ иштирок намудаанд.

Вобаста ба имкониятҳои сайёҳӣ зикр кардан бамаврид аст, ки дар ноҳия 1 осорхона, 12 мавзеи таърихӣ-бостоншиносӣ, 1 истироҳатгоҳ мавҷуд буда, теъдоди сайёҳони хориҷи ба ноҳия воридшуда дар 3 моҳи соли 2025-ум 686 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2024-ум 72 нафар зиёд мебошад.

## ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар ноҳияи Шаҳритус бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъмиру бунёди 359 иншоот ба нақша гирифта шуда, 204 иншоот ё 56,8 фоиз ба истифода дода шудаанд.

- Бо ҳисси масъулият иброз медорем, ки дар соли 2025 ва солҳои минбаъда нишондиҳандаҳои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияро боз ҳам беҳтар месозем ва ҳамроҳ бо мардуми заҳматкарини ноҳия корҳои ободонию созандагиро вусъат бахшида, ба дастовардҳои зиёди меҳнатӣ ноил мегардем,- мегӯяд раиси ноҳия Т. Абдуллозода.

**Машраби АЛОВИДДИН**








# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

## ҚАДАМИ АВВАЛ БА РОҲИ СУХАН

Фарши кӯҳна зери қадамҳои ҷавони навкад охе кашид. Охе, ки гӯё замонҳои сахти гузашта ва интизориҳои ноаёни ояндаро якбора ба ёд меовард.

Муродуллоҳ Шерализода дари редаксияи "Маориф ва маданият"-ро бо эҳтиёт кушод. Миёни деворҳои кандашуда ва тирезаҳои чӯбини фарсуда ҳанӯз бӯйи қалами ростин ба машом мерасид.

Дар қабулгоҳ, зани миёнасоли дар чашм айнаки ғафс, як дида ба Муродуллоҳ ва дидаи дигар ба дафтари қайдҳо, пурсид:

- Шумо кистед?

- Муродуллоҳ Шерализода,- посух дод ӯ.

Нафаси вақт гӯё танг омада буд. Лаҳзае пас аз дари нимбоз овози маҳин ва каме баланди бонуе ба гӯш расид:

- Дароед.

Муродуллоҳ дари ҳуҷраи сармуҳаррирро боз кард.

Дар паси мизи чӯбин, ки рӯяш пур аз варақҳову китобҳо буданд, зани гандумгуне менишаст.

Вай Бӯринисо Бердиева буд.

Рӯйи гарм, нигоҳи чашмонаш гиро ва зебо, ки мисли чашмаи ороми нилгуни кӯҳистон одамро ба худ мекашанд, ба сӯяш дӯхта шуданд. Ӯ нигоҳ ба ҷавон андохт. Нигоҳи амиқи синчакорона.

Вай бо ангуштони нарм, ки дар яке аз онҳо ангуштарии гирди маҳини бо мурури замон хӯрдашудаи тиллоӣ дошт, аризаро аз дасти Муродуллоҳ гирифт, ба он нигоҳе карду пас аз як лаҳза таваққуф бо овозе, ки мисли насими сабуки кӯҳистон гӯшҳоро ламс мекард, гуфт:

- Аз куҷо мешавӣ?

- Аз Кулолӣ,- ҷавоб дод Муродуллоҳ бо он оромие, ки хоси мардуми деҳот аст.

Нигоҳи Бӯринисо андаке мулоим шуд. Лабонаш ба табассум моил гашт, аммо дар чашмонаш нуре чун субҳи офтобӣ шуъла мезад:

- Аз зодгоҳи Рӯдакӣ?

Муродуллоҳ бо ҷунбонидани сар тасдиқ кард.

Ҳамин дам аз гӯшаи дар Дорои Дӯст, корманди рӯзнома ва Зиёбой Абдуев, ҳамдеҳаи Муроддуллоҳ вориди дафтари кори сармуҳаррир шуданд.

Зиёбой ба Бӯринисо муроҷиат кард:

- Апа, Муродуллоҳ ҳамдеҳаи ман аст. Дастгирӣ кунед.

Бӯринисо бо муҳаббат ба ҷавон нигарист, ки худро гиронда канори дар истода буд. Ҳамин лаҳза ба хотири Муродуллоҳ қиссаи аз сокинони дараи Зимтуд шунидааш зинда гашт. Боре ворӯгиҳо, ки пиёда ҷониби деҳаашон мерафтанд, шоҳиди манзараи аҷибе мешаванд: дар минтақаи Пушти Хамба марде бо ду даст санги азимеро болои сар бардошта, ҷониби Ҳуснобод медавид. Мардум аз тарс худро канор мегирифтанд, гумон мекарданд, ки мард девона шудааст ва бо санг ба сари онҳо мезанад. Аммо баъдтар маълум гашт, ки он мард варзишгари номдори дараи Киштуд Зиёбой Абдуев будааст, ки дар Институти тарбияи ҷисмонии Душанбе дарс медод. Ӯ ҳамарӯза санги бузургеро бардошта, панҷ километр кросс медавидааст, то баданашро обутоб диҳад ва руҳашро қавӣ созад.

Ҳоло, бо дидани Зиёбой дар дафтари сармуҳаррир, Муродуллоҳ як ҳисси ифтихор ва итминон дар дил эҳсос кард - ҳамдеҳаи тавоно ва боиродааш дар паҳлуяш аст.

Бӯринисо ба Муродуллоҳ нигарист. Нигоҳаш пур аз умед буд.

- Агар меҳоҳӣ бо қалам зинда бошӣ, бояд ҳар ҳарфатро бо хуни дил нависӣ. Ин ҷо танҳо навиштан нест, ин ҷо зиндагӣ кардан бо сухан аст,- оромона гуфт ӯ.

Ҳамин тавр, Муродуллоҳ нахустин қадами худро ба олами сухан гузошт. Дар ҳамин гӯшаи манзили аввали бинои секабатае, ки дарҳояш чӯбин, фаршаш рангмолишуда ва сӯроххои фарсудаи заминаш шаҳодат аз умрҳои гузашта медоданд, дар кунҷе, ки бӯйи коғаз ва орзу ҳамнафас буданд, тақдири як ҷавони деҳотӣ бо қалами миллати худ гиреҳ меҳӯрд.

Берун аз ин гӯшаи орзуҳо, дар кунҷи кӯча, чойхонаи хоксоронае буд. Мизҳояш фарсуда, тахтаҳояш шикаста, вале ҳавояш пур аз ҳикмат ва садои хомӯши таърих буд. Бӯйи чойи сабз, навои мулоими суханҳои нимгуфта ва нигоҳҳои пурмаъниӣ фазоро ба як мактаби зиндагӣ табдил медоданд.

Дар паҳлуи редаксия бинои яккабатаи хоксоронаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҷой дошт. Биное, ки деворҳояш нафаси суханони бузургро мекашид ва дар долонҳояш сукути пурмаънои шахсиятҳои беҳамтое мисли Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Убайд Раҷаб, Ҷалол Икромӣ танин меандохт.

Ин мардони андеша ва қалам ба ин чойхонаи кӯчак меомаданд. Онҳо бо шеъру сухан на, балки бо сукути худ суҳбат мекарданд. Ҳар қадам, ҳар нигоҳ, ҳар табассуми камҳарфи онҳо худ дарси камол, дарси масъулияти сухан ва виҷдон буд.

Муродуллоҳ бо ҳамкорашон дар кати шафати онҳо чой менӯшид. Ӯ ба ҳар ҳаракати онҳо бо эҳтироми кӯдакона менигарист. Ҳар гапи кӯтоҳ, ҳар имову ишора, ҳар табассум ё андеша барои ӯ дафтари нонавиштаи зиндагӣ буд, ки бар варақҳои ноаёни қалбаш сабт мешуд.

Дар ниҳоди худ, ӯ ба хомӯшӣ қасам хӯрд: "Ман низ бояд чунин шавам. На бо доду фиғон, балки бо шукӯҳи виҷдон, бо садоқат ба сухан ва ба ҳақиқат".

Он рӯз, дар он чойхонаи хоксорона аввалин тухми орзуи ӯ дар замини поки дил сабзид...

## ҚАҲРАМОНИ НАВРӮЗ ВА МАКТАБИ ВИҶДОН

Идораи рӯзномаи "Маориф ва маданият" барои Муродуллоҳ Шерализода танҳо ҷойи кор набуд, ӯ ба мактаби виҷдон ва озодандешӣ қадам гузошта буд. Дар маркази ин мактаб зани фурӯтан, вале неруманд Бӯринисо Бердиева қарор дошт.

Он замон, ки сухани озод зери сояи тарс қарор дошт ва ҳар ҳарфи ҳақ метавонист нақши сарҳӯриро дошта бошад, Бӯринисо ба ҷабҳаи нонамоёни озодандешӣ пайваст. Вай намояндаи идеология набуд - фарзанди ҳақиқат буд.

Муродуллоҳ, ҷавони пурорзую хомӯш дар ҳамин муҳит, дар миёни садоҳои пуртаҳдид ва руҳҳои ҷонфидо бо қудрати вокеии сухан ошно шуд.

## БЕДОРШАВИИ НАВРӮЗ

Солҳои 60-ум Наврӯз дар Тоҷикистон ҳамчун анъанаи қадимӣ зери муҳри "ба расмият шинохтанашаванда" нигоҳ дошта мешуд. Чун авроқи рангини таърихии дигар, ки ба бедории миллӣ водор месозанд, тахти фишори идеологияи расмӣ қарор доштанд.

Аммо Бӯринисо дар шаби хомӯшии маҷбурӣ ҷуръат кард.

Бо иродаи хеш ва бе иҷозати Кумитаи Марказӣ, бо пуштибонии баъзе роҳбарони далер, мисли Сарвазир Абдулаҳад Қаҳҳоров, шумораи махсуси Наврӯзиро омода ва чоп намуд.

Рӯзи 21-уми март, варақҳои сабзу сафеди рӯзнома мисли баргҳои баҳорӣ дар Душанбе пароканда шуданд. Шаҳр, ки аз чунин бедорӣ бехабар буд, дар ҳайрату шодмонӣ ғарқ гашт.

Сарфи назар аз таҳдидҳо ва муҳокимаҳои сахти сиёсӣ, Бӯринисо оромона гуфт:

- Ман танҳо ҳақиқатро гуфтам.

## "ҚАҲРАМОНИ НАВРӮЗ"-И БОЗОР СОБИР

Бозор Собир, он замон ходими адабии рӯзнома, баъдтар шоири мардумӣ дар шеъре бо унвони "Қаҳрамони Наврӯз"менависад:

*Зан буд, вале набуд чун зан,*
*Муҳтоҷ ба атру рангу равған.*
*Ранге, ки ба дасту панҷааш буд,*
*Ранги тари рӯзномааш буд...*

*Чандин сари сол то ба имрӯз*
*Дар фикри касе набуд Наврӯз.*
*Наврӯз савори турна мерафт*
*Шабҳо, ки касе набинадаш рӯз.*

*Бо нашри дусад мақолаи ӯ,*
*Бо кашмакаши дусолаи ӯ,*
*Наврӯзи Аҷам фаромад охир*
*Аз шаҳпари турнаи муҳоҷир...*

Наврӯз дигар танҳо дар шеъру достонҳои куҳан набуд. Он ба воқеият баргашт - ба саҳифаҳои рӯзгор, ба дилҳои мардум.

## МАКТАБИ БЕАДОЛАТӢ ВА САДОҚАТ

"Маориф ва маданият" акнун минбари бедорсозии миллӣ гашт. На ҷойе барои чопи ахбори расмӣ, балки мактабе, ки дар он виҷдон, масъулият ва ҷуръат меомӯхтанд.

Он ҷо устодоне чун Сотим Улуғзода, Ғаффор Мирзо, Ҷумъа Одина ва дигарон паноҳ меҷустанд. Ҷойе, ки сухани ҳақ бештар аз ҳар навъи унвон ва нишон қимат дошт.

Дар ҳамин муҳит Муродуллоҳ аввалин бор фаҳмид: "Рӯзноманигорӣ на ба муҳр ва унвон, балки ба виҷдон ва адолат бастагӣ дорад".

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**



*Муродуллоҳ Шерализода ва Бӯринисо Бердиева*

Асланшоҳ Раҳматуллоев:

# РӮЗИ МАРГАМ МЕГӮЯНД, КИ ОДАМИ НАҒЗ БУД...

**Дар яке аз мусоҳибаҳои ахираш Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Асланшоҳ Раҳматуллоев гуфта буд: "Рӯзи маргам мегӯянд, ки одами нағз буд!".**

27-уми апрел Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Асланшоҳ Раҳматуллоев аз олам даргузашт. Актёри маъруф 71 сол дошт. Субҳи рӯзи 28-уми апрел маросими видоъ бо ҳунарманд дар назди манзили зисташ баргузор шуд. Баъдан ҷанозаи ӯро дар Масҷиди ба номи Имоми Аъзами шаҳри Душанбе хонданд ва ҷисмашро дар Оромгоҳи Луҷоб ба хок супориданд.

Ҳамкасбонаш марги ҳунарпешаро талафоти гарони санъати тоҷик арзёбӣ карданд.

"Ҳеҷ бовар надорам, ки Асланшоҳ аз олам гузашта бошад. Охир, ӯ тамоман солим буд ва дар сар фикри рафтанро надошт. Рӯзи ҷумъа ӯро дида будам. Мошини маро дида, аз дур ба наздам омад. Чун дар наздикии хонааш будем, исрор кард, ки меҳмон шавам ва сари як пиёла чой суҳбат кунем. Вале дар телевизиони "Душанбе" сабт доштам. Узр пурсидам ва ваъда додам, ки ба наздикӣ ӯро мебинам. Вале афсӯс... Дидор дар қиёмат монд...",- мегӯяд Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ибодулло Машрабов.

Ортиқи Қодир, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон аз ҳамкорияш бо Асланшоҳ Раҳматуллоев чунин ёдоварӣ мекунад: "Дар намоиши "Қиссаи аҷибу ғариб"-и Театри Лоҳутӣ, ки аз рӯи асари "Гурба ва муш"-и Убайди Зоконӣ таҳия шудааст, якҷо нақш мебозидем. Дар ин намоиш Асланшоҳ Раҳматуллоев нақши шоҳи мушонро бозиду ман нақши вазири мушонро, ки дар маҷмӯъ норасоиҳои даври замонро мазаммат мекард. Ҳамон таъбири маъруфи "Аз гуноҳат гузаштам, ин сӯ гузар!" аз намоиши мазкур баромад ва Асланшоҳ Раҳматуллоев аз ҳамон вақт шоҳи саҳна эътироф гардид"...



Воқеан, Асланшоҳ Раҳматуллоев аз зумраи ҳунармандони маъруфи театру кинои тоҷик буд. Ӯ баъди хатми Институти умумииттифоқии синамогарон (ВГИК)-и Маскав дар Театри академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ ба кор оғоз кард ва дар саҳнаи ин театр нақшҳои мондагор офарид. Аз ҷумла дар намоишҳои «Гамлет», «Корвони бахт», «Ҳодисаҳои ғайриодӣ», «Гилеми кабуд», «Шоҳ Лир», «Роҳзанон», «Мардон намегирянд», «Вақте шаҳр хобидааст», «Ғуруби Ачам» ва ғайра. Ӯ ҳамчун коргардон низ дар ин театр чандин намоиш ба саҳна гузоштааст.

Аз соли 1994 бо даъвати Убайдулло Раҷабов Асланшоҳ Раҳматуллоев ба Театри намунавӣ-минётурии «Оина» ба кор гузашт ва то вопасин рӯзҳои умр дар ин даргоҳ ба ҳайси ҳунарпеша ва коргардон фаъолият дошт.

Дар баробари театр Асланшоҳ Раҳматуллоев дар филмҳои зиёде нақш офаридааст. Аз ҷумла дар филмҳои «Тӯфон дар водӣ», «Ҳафт домоди дуздидашуда», «Воҳӯрӣ дар дараи марг», «Робита» (2 қисм), «Саргузашти Мукаи хурдакак», «Дар ағба напарронед», «Дӯстонро намефурӯшанд», «Чӯра-шикорчӣ аз Минархар» (6 қисм), «Афсонаҳои нави Шаҳрзод» (2 қисм), «Кумир», «Марди мутааллиқи ду зан», «Қасосгири хурд», «Қош ба қош», «Вақте ба болои шаҳр борон меборид», «Гумшуда ёфт шуд», «Кӯшатир», «Модар бо мост», «Имтиҳон», «Кӯҳистонӣ», «Бехонаҳо дар касалхона», инчунин филмҳои истеҳсоли дигар давлатҳо «Ҳалима» («Туркманфилм»), «Соати комендантӣ», «Таъмиргар» (киностудияи ВГИК), «Бозгашт», «Тарафи чоруми секунҷа» («Мосфилм»), «Афсарон», «Тақвими интизорӣ», «Захираи тило» (телевизиони НТВ) ва ғайра.

Ӯ ҳамчунин коргардони филми "Гилеми кабуд" буд ва дар ҳамкорӣ бо режиссёри маъруф Юнус Юсуфов филмҳои "Марги бегунох" ва "Оворагардон"-ро ба навор гирифтааст.

**О. НОЗИР**

## МАВЛУДНОМА

### 1 МАЙ

**Низом Баҳриддинов** (1930-2000), 95-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Ҳоҷимурод Муродӣ** (1925), 100-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Сайлигул Назарова** (1930), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

**Азимқул Насимов** (1940), 85-солагии зодрӯзи мутарҷим, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Назриддин Неъматуллоев** (1955), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Ҳабибулло Сангинов** (1950-2001), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Нуъмон Сафар** (1940-2011), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Абдуназар Ҳақназаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Абдулвоҳид Оев** (1965) – 60-солагии адиб ва журналист.

### 2 МАЙ

**Салом Баракаев** (1950-1997), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Исмонхоҷа Неъматуллоев** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Исо Раҳим** (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 3 МАЙ

**Бодур Мирзоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Шарофҷон Раҳимов** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**Мирзосафар Ризвонов** (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист-суратгир.

### 4 МАЙ

**Шариф Бедаков** (1955), 70-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

**Ҳаким Карим** (1905-1943), 120-солагии зодрӯзи нависанда.

**Шариф Умаров** (1930-1980), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ҳабибулло Файзов** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

### 5 МАЙ

**Назира Бердиева** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Зафар Мирзоён** (1945), 80-солагии зодрӯзи публитсист.

**Тағоймурод Назаров** (1955), 70-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ.

Тӯхтасин Тошпӯлод (1945-2005), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Тӯхтасун Ҷӯраев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**Сороҷон Юсуфова** (1910-1966), 115-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

### 6 МАЙ

**Леонид Белий** (1940), 85-солагии зодрӯзи мусиқишинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Комил Ёдгоров** (1950), 75-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

**Вафо Назаров** (1940), 85-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 7 МАЙ

**Шералӣ Сабзов** (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Пӯлод Усмонов** (1935-2002), 90-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Дар ин ҳафта бехтар аст бо ҳамсаратон бахси ҷиддӣ накунед. Эҳтимол аст, ки вокеиятро дуруст дарк накунед ва зери таъсири ҳаёлот қарор гиред. Ба эҳсоси шарики худ шубҳа пайдо мекунед, инчунин, эҳсоси рашк ва нобовариятон метавонад зиёд шавад.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Ин ҳафта шумо миёни кор ва масъулиятҳои хонадон саргардон хоҳед шуд. Эҳтимол аст, ки ба аёдати хешовандони бемор равед ё фарзандро ба муассисае бурдан лозим шавад. Вале роҳбарият метавонад норозигӣ зоҳир намояд.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Шакку шубҳа нисбати шарики ҳаёт метавонад шуморо нигарон созад. Эҳсос мекунед, ки ӯ чизеро пинҳон мекунад. Вале ҳанӯз хулосаи ниҳоӣ набаровардаед. Дар робитаҳои корӣ низ эҳтиёт кунед, шартнома набандед. Дар муомила бо шахсони нав эҳтиёткор бошед.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Ҳафтаи пурзаҳмат дар касбу кор аст, бахусус агар корҳо ба анҷом наздик бошанд. Агар шумо устои таъмири хона бошед, эҳтимол кори кардаатонро қабул накунанд. Камбудиву мушкилоти рӯзгор низ боиси ташвишатон мегардад.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Ин ҳафта эҳтимол саломатии шумо коҳиш ёбад. Аз ғизоҳои шубҳанок худдорӣ намоед, аз дарди шикам ноҳхат мешавед. Дорухоро бидуни машварати табиб истифода набаред, то ки аз аксуламали номуносиб наҷот ёбед.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Дар ин ҳафта шиносоии нав ва сафарҳоро ба таъхир гузоред. Эҳтимоли иштибоҳ дар фаҳмиши нияти одамон зиёд аст, ки метавонад сабаби шубҳа ва овоза гардад. Бо одамони ношинос зиндагии шахсиро муҳокима накунед.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Ҳис мекунед, ки касе фаъолиятатонро маҳдуд мекунад. Эҳтимоли сар задани бемориӣ ё нофаҳмӣ вуҷуд дорад. Аз танҳоӣ парҳез кунед, бештар дар байни одамон бошед. Эҳтиёт дар истифодаи дору ва маҳсулот муҳим аст.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Дар ин ҳафта ба ҳар гапу хабаре, ки мешунавед, дарҳол бовар накунед. Шояд ба шумо иттилооти нодуруст расонанд. Агар маҷбур набошед, ба сафари дур набароед. Хуҷҷатҳоятонро дар ҷойи хуб ва дилпур нигоҳ доред, гум кардани онҳо имкон дорад.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Дар ишқ эҳтиёт шавед, эҳсос мекунед, ки дӯстдоштаатон чизеро аз шумо пинҳон медорад. Агар кӯшиши фаҳмидани ҳақиқатро кунед, вазъ душвортар мегардад. Ба масълиҳати дӯстону шиносон гӯш надиҳед, онҳо метавонанд нофаҳмиро бештар кунанд.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Дар ин ҳафта аз норасоии пул азият мекашед. Сабаб дар хароҷоти зиёд карданатон аст. Эҳтиёт кунед, ки дар бозорҳо ва мағозаҳо фиреб нахӯред. Шояд хоҳиши харидани чизҳои зебо, вале бе зарурат дошта бошед. Қарз нагиред, ҳатто агар маҷбур шавед ҳам.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Мабодо дӯсту ошики шумо бо ҳам дар як ҷо ҷамъ оянд, низоъ имконпазир аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиш накунед, ки дар ду курсӣ якбора нишинед. Бо дӯстон низ нофаҳмӣ сар мезанад. Аз маъракаву чорабиниҳои серодам дурӣ ҷӯед. Аз норасоии маблағ азият мекашед.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Неруятон дар ин ҳафта кам мешавад. Кори ҷисмонӣ ва масъулиятҳо метавонанд шуморо хаста созанд. Ҳангоми кор бо асбобҳои нӯгтез ангуштони дастро эҳтиёт кунед. Аз карзгирӣ ва харидҳо худдорӣ намоед, ҳоло вақти пул сарф кардани шумо нест.

KRESTON AC
Ҷумҳурии Тоҷикистан
ш. Душанбе, 734025
куч. Пушкин 10, офис 207
T: + 992 (907) 77 23 22
info@kreston.tj
www.kreston.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳҳомон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи Бонки «Арванд»:

**Хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи Бонки «Арванд»-ро (дар оянда «Бонк») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2024, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2024 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

**Асос барои Хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Бонк мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Бонкҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истиснои мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Бонк, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб меравранд.



KRESTON AC

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявие ки ақидахои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедиҳад, ки аудит дар асоси СБА ҳамеша таҳрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алоҳидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитҳое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудиторӣи дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатънашандаи Бонк гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо ба шахсони масъули роҳбарикунандаи Бонк маълумотро оиди банақшагирии ҳаҷм ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Шеров Диловар

Директор, ҶДММ «Крестон АС»

Иҷозатнома № 0000146 ки аз ҷониби
Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

28 марти соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

РМА: 020043570 РЯМ: 0210020232
кӯчаи Пушкин 10, Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 90 703 2322 | www.kreston.tj | info@kreston.tj
Аъзои мустақили Kreston Global | Шабакаи байналмилалии ширкатҳои консалтингии мустақил



## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ «АРВАНД»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 БА ОХИР РАСИД

*(дар ҳазор сомонии тоҷики)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 ба охир расид |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 304,101 | 244,355 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (144,356) | (100,369) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВӢ ВА ЭЪТИРОФИ ТАХФИФ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА | | 159,745 | 143,986 |
| Барқарорсозии/(Ташаккули) захира барои талафоти эҳтимолии қарзӣ аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | (7,024) | (4,631) |
| Эътироф кардани тахфиф аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | (1,372) | (1,936) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 151,349 | 137,419 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 4,377 | 5,206 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 5 | (15,918) | (6,387) |
| Зарари соф рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ ки тағйиротҳои онҳо дар ҳайати фоида ё зарари давра дар асоси арзиши одилона эътироф мешаванд | 6 | (15,835) | (9,101) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 18,990 | 3,561 |
| (Ташаккули)/барқарорсозии захира оид ба беқурбшави ва талафотҳои эҳтимолии қарзӣ аз рӯи дороиҳои ғайрифоиз | 8 | (1,983) | 5,371 |
| Дигар даромадҳо, холис | 9 | 4,916 | 8,435 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | (5,453) | 7,085 |
